*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Зиёев Зулфиқор Маҳмадёқубович ба диссертатсияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳоиилм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Баррасии ҷиддӣ ва амиқи мухтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Одинаев Э.С. дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» моро ба хулосае водор кард, ки дар ҳақиқат ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои қисми 1. Молия: б.1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.6. Ҷанбаҳои ниҳодии низоми молиявӣ; 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ; 1.10. - Ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи самараноки ҳамаи намудҳои захираҳои иқтисодӣ ва Қисми 2. Муомилоти пулӣ, қарз ва фаъолияти бонкӣ: б. 11.4. - Афзалиятҳои сиёсати пулию қарзии муосир ва вокуниши бахши воқеӣ ба татбиқи он мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масъалаҳои такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ возеҳ дарҷ гардидааст.

Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои табиӣ, молиявӣ ва инсонии кишвар, инчунин вобастагии баланди иқтисодиёт аз омилҳои беруна (аз ҷумла интиқоли пулии муҳоҷирон, ноустуворӣ дар бозорҳои ҷаҳонии мол ва сармоягузории хориҷӣ), зарурати баланд

бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодии дохилӣ махсусан муҳим мегардад.

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати муайяни рушди иқтисодиро нишон медиҳад, аммо сохтори он осебпазир боқӣ мемонад: бартарияти бахши кишоварзӣ ва диверсификатсияи заифи иқтисодиёт барои рушди устувори дарозмуддат монеа эҷод мекунад. Мушкилоти асосӣ сатҳи пасти навсозии технологӣ, дастрасии нокифояи субъектҳои иқтисодиёт ба захираҳои молиявӣ, инчунин набудани механизмҳои муассири ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва инноватсия боқӣ мемонанд.

Механизмҳои молиявӣ, аз қабили қарздиҳӣ, субсидияҳои давлатӣ, имтиезҳои андоз ва фондҳои сармоягузорӣ дар сафарбаркунӣ ва тақсимоти захираҳо нақши муҳим доранд ва истифодаи самараноки онҳоро ҳавасманд мекунанд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин воситаҳо аксар вақт бо монеаҳо дар шакли бесамарии институтсионалӣ, маҳдудиятҳои бюрократӣ ва шаффофияти нокифоя рӯ ба рӯ мешаванд.

Аҳамияти таҳқиқот дар партави чолишҳои ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, зарурати татбиқи иқтисоди "сабз" ва инчунин рушди равандҳои ҳамгирой дар Осиёи Марказӣ тақвият меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб бояд воситаҳои молиявии худро ба ин мушкилот мутобиқ созад, то рушди устувор, коҳиши камбизоатӣ ва рақобатпазирии иқтисодиётро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад. Натиҷаҳои ин тадқиқот метавонанд ба ташкили системаи самараноки молиявӣ мусоидат кунанд, ки метавонад ронандаи рушди устувори иқтисодӣ ва рушди кишвар гардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот – аз асоснок кардани механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонӣ ва роҳҳои самаранок истифод намудани захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи низоми молиявии миллӣ ва афзалиятҳои рушди сиёсати пулию қарзӣ иборат мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

1. Муаллиф равишҳои илмӣ оид ба моҳияти захираҳои иқтисодӣ ва нақши онҳо, усулҳои истифодаи самаранок ва механизми ҳавасмандгардонии молиявӣ муайян гардида, ақидаи олимони соҳа дар шакли яклухтшуда ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст. Дар радифи ин, таърифи муаллифии мафҳуми захираҳои иқтисодиро дар пояи низоми молиявӣ кушода, муҳтавои амали фаъолияти онро ҳамчун маҷмӯи бозорҳои молиявӣ ва ниҳодҳои ёрирасоне, ки захираҳои молиявиро байни бахшҳои иқтисодӣ тақсим мекунад, пешниҳод

намудааст. Инчунин унвончӯ нақш ва аҳамияти андозҳо дар ҳавасманд намудани субъектони сатҳҳои микроиқтисод ва макроиқтисод оварда шуда, дараҷа ва натиҷаи сатҳи таъсиррасонии ҳавасмандии низоми андоз дар ҳошияи фаъолияти низоми молиявии давлат бо формулаҳои математикӣ баҳогузорӣ ва муайян карда шуд. Дар асоси арзёбии таъсири ҳаҷм ва сохтори хароҷоти давлатӣ ба рушди иқтисодӣ исбот кардааст, ки хароҷотҳои давлатӣ дорои хислати истеҳсолӣ бевосита ба ҳаҷми ММД мамлакат таъсир мерасонанд ва хароҷотҳои давлатӣ, ки ба бахшҳои воқъеии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона мегарданд, ба хароҷотҳои давлатӣ дорои хислати истеҳсолӣ шомил мешаванд. Ҳангоми таҳияи таҳқиқоти худ муаллиф самтҳои рушди босуръати захираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян кардааст. Диссертант дурнамои рушди бахши молиявӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар ҳошияи низоми молиявии мамлакат то давраи соли 2030 коркард гардида, пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои муҳими бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас оварда шудааст. Дар баробари ин, тавсияҳо оид ба рушди сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати фискалӣ, инчунин бахши молиявӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия самтҳои назирявӣ оид ба моҳият ва муҳтавои захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявӣ, арзёбӣ ва таҳқиқи вазъи кунунии бахшҳои низоми молиявӣ-иқтисодӣ ба рушди иқтисоди миллӣ, вобастагии рушди иқтисодиёти миллӣ аз низоми молиявии мамлакат, имкониятҳои воқеии афзоиши ҳаҷми даромадҳои андозӣ, хароҷоти буҷет, сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ ва роҳҳои самаранок истифода намудани захираҳои иқтисодӣ тибқи истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва- таҳия ва пешниҳоди дурнамои рушди бахши молиявӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар ҳошияи низоми молиявии мамлакат то давраи соли 2030.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки кори диссертатсионии муаллиф аз коркарди таҳлилу баҳогузорӣ ва тавсияҳои амиқу дақиқ оид ба масоили такмили усулҳои муосири фишангҳои молиявӣ, механизмҳои молиявии ҳавасамандгардонӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқоти мазкур дар татбиқи чораҳои пешниҳодгардида оид ба механизмҳои молиявии ҳавасамандгардонӣ ва

самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ дар пояи низоми молиявӣ шароит муҳаё мекунад, то раванди идоракунии низоми молиявии мамлакат дар сатҳи дуруст ба роҳ монда шавад. Дар радифи идоракунии дурусти сохторҳои низоми молиявии мамлакат сатҳи суботи молияи давлатӣ низ таъмин мегардад. Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаҳои кор дар ҷараёни суханронӣ дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои илмию методӣ ва ҷаласаҳои кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санҷида шуданд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалии коркардшудаи рисола метавонад дар раванди фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, вазорату идораҳои давлатии бахши молиявию иқтисодӣ ва дигар ниҳодҳои ғайридавлатӣ мавриди истифода қарор гирифта шаванд. Инчунин, ҷанбаҳои асосии диссертатсия метавонанд ҳангоми таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимии «Молия», «Иқтисоди молиявӣ», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Макроиқтисод», «Пул, қарз, бонкҳо», «Молияи минтақавӣ»-ии донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ истифода карда шаванд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Одинаев Э.С. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), омодасозии дисссртатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, нӯҳ зербоб, 27 ҷадвал, 7 расм, 2 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 154 сарчашма таҳия карда шуда, дар 186 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-14).

**Боби якуми диссертатсияи бо номгузории** «Асосҳои назариявию методии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ», ки дар нақш ва моҳияти захираҳои иқтисодӣ, усулҳои истифодаи самаранок ва механизми ҳавасмандгардонии молиявӣ дар сохтори низоми молиявии давлат, вижагиҳо, принсипҳо ва асосҳои методии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ангезаҳои молиявии самарабахшии захираҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф инъикос ёфтааст. (саҳ.15-70).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: низоми механизми молиявии рушди иқтисодиро метавон дар ду ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд муаррифӣ кард: монетарӣ, ки таҳти таъсири бевоситаи механизмҳои пулӣ амалӣ карда мешавад ва ғайримонетарӣ, ки бо амали механизмҳои буҷетӣ муайян карда мешаванд. Ин раванд тадбиқи сиёсати молиявӣ ва сиёсати пуливу қарзиро бо ҳам наздик намуда, ҳадафҳои гузошташуда дар рушди иқтисодиёт амалӣ мегардад. Аз лиҳози хусусиятҳои миллӣ инъикосгари низоми молиявӣ ин механизми молиявӣ ба ҳисоб равфта, аҳамият ва мубрам будани он возеҳу равшан мегардад. (саҳ. 16-29)

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки «механизми молиявӣ» аз раванди истифода гардидани захираҳои иқтисодӣ, пешниҳоди ҳавасмандгардониҳо аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва бахши дастрас будани хизматрасонҳои молиявӣ дар ҷомеа мебошад. Меҳвари асосии механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар низоми механизми молиявии рушди иқтисодӣ инъикос мегардад. (29-32)

Дар доираи боби якум муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ангезаҳои молиявии самарабахшии захираҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар он таҷрибаи давлатҳоро омӯхта пешниҳод намудааст, ки таҷрибаи якчанд давлатҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. (с.43-60).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили механизмҳои молиявии ҳавасманд-гардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ»** арзёбии нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, таҳлили таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва арзёбии таъсири ҳаҷму сохтори

хароҷоти давлатӣ ва сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт ба истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд ммекунад, ки молия муносибатҳои иқтисодии пулиро дар бар мегирад, аммо муносибатҳои мазкур дар ҳар як қисми низоми молиявӣ ба таври гуногун инъикос гардида, хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳар як қисми низоми молиявӣ ба таври муайян ба ҷараёни такроистеҳсол таъсир расонида, вазифаҳои хоси худро дорад. Чунончӣ, молияи корхонаҳо дар ҷараёни истеҳсолоти моддӣ иштирок намуда, бо ёрии он маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ташкил кардаву дар дохили корхонаҳо ва соҳаҳои хоҷагидорӣ тақсим карда мешавад. (с. 72-81).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки арзёбии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ яке аз масъалаи мубрами назарияи андоз ва андозбандӣ мебошад, зеро дар бештари давлатҳои ҷаҳон андозҳо фишанги асоси танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунад (81-91).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки бо қабули «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» ва эълон гардидани ҳадафҳои стратегии давлат ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ ба рушди соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ ҳамасола афзоиш ёфт. Масалан, нишондиҳандаи ниҳой дар соли 2005 ба 2,3%-и ММД (бо маблағи пулӣ ба 166,6 млн. сомонӣ), дар соли 2010 ба 4%-и ММД (бо маблағи пулӣ ба 988,3 млн. сомонӣ), дар соли 2020 ба 8,8%-и ММД (бо маблағи пулӣ ба 7293,0 млн. сомонӣ), дар соли 2021 ба 5,6%-и ММД (бо маблағи пулӣ ба 5486,6 млн. сомонӣ) ва дар соли соли 2022 нишондиҳандаи мазкур ба 6,8%-и ММД (бо маблағи пулӣ ба 7825,9 млн. сомонӣ) мебошанд  (с.102-115)

Дар **боби сеюм** - «Самтҳои асосии ҳавасмандгардонии молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» роҳҳои такмили механизмҳои молиявии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар замони муосир, коркарди дурнамои рушди бахши молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва таҳияи маҷмуи нишондиҳандаҳои самаранокии молиявии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар шароити муосир пешниҳод шудааст (саҳ.119-165).

Бояд қайд намоем, ки саноатикунонии босуръати мамлакат ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар СРМ-2030 аз таъминоти иқтисодиёти миллӣ бо захираҳои молиявӣ вобаста аст. Дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ рушди иқтисодӣ бояд асосан аз ҳисоби манбаҳои дохилӣ ва берунӣ маблағгузорӣ мегардад (саҳ. 120-128).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, ки бахши молиявӣ яке аз шаклҳои муҳими амали фаъолияти ниҳодҳои молиявию иқтисодӣ ба шумор рафта, раванди ғункунӣ ва тақсимкунии захираҳои

иқтисодӣ бо мақсади таъмини сатҳи самараноки фаъолияти корхонаҳо ва зерсохторҳои рушди иқтисоди мамлакат мебошад. Бахши муносибатҳои пуливу молиявӣ яке аз унсури мустақил ва низоми самараноки бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад. (саҳ.133-142).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки дар пешрафти муносибатҳои молиявӣ якчанд самт мавқеъи назаррас доранд, аз қабили вазъи муътадили сиёсву иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ, ҷараёни паваст гардидан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, вазъи ниҳодҳои молиявиву бонкӣ, миқдори соҳибкороне, ки заминагузори манбаъҳои даромади буҷети давлатӣ мебошанд. (саҳ.139-154).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмил намудани механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. (саҳ. 166-169)

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Одинаев Э.С. дар мавзуи « Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Ин кор метавонад бо баррасии монеаҳои институтсионалӣ, ки ба рушди фаъолияти инноватсионӣ монеъ мешаванд, пурра карда шавад.

2. Гарчанде ки муаллиф таҳлили амиқи омилҳои макроиқтисодиро, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар таъсир мерасонанд, анҷом додааст, дар асар таҳлили муфассали омилҳои микроиқтисодӣ, аз қабили мавҷудияти қарзҳо барои корхонаҳои хурду миена ва сатҳи бюрократия мавҷуд нест. Дар ҳамин ҳол, ин омилҳо аксар вақт ба қарорҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ширкатҳои инфиродӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Дохил кардани таҳлили микроиқтисодӣ имкон медиҳад ки тасвири мукаммалтар ба даст оварда шавад ва тавсияҳои бештар суроғавӣ барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ таҳия карда шаванд.

3. Нақши захираҳои иқтисодӣ хеле умумӣ тасвир шудааст. Намунаҳои захираҳои хоси Тоҷикистон ва аҳамияти иқтисодии онҳоро муаллиф илова менамуд, боз ҳам хубтар мешуд.

4. Барои таҳлил рӯйхати кишварҳои хориҷиро васеъ менамуд қобили қабул буд (масалан, кишварҳои Осиёи Марказиро). Инчунин бояд қайд кард, ки чаро таҷрибаи интихобшуда барои Тоҷикистон мувофиқ аст.

5. Беҳтар мешуд дар боби 3-юм аз ҷониби муаллиф SWOT-таҳлил гузаронида мешуд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

## 11. Хулосаи умумӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одинаев Э.С. дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия ва суғуртаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Зиёев З.М.

Дурустии имзои Зиёев З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД — Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17
Тел: +992 992372347987
E-mail: bahrom_07_09@mail.ru